– омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нисбат ба ин гурӯҳи парвандаҳо;

– муайян ва арзёбии масъалаҳои баҳсталаб дар танзими қонунгузорӣ ва бандубасти чунин ҷиноятҳо;

– баррасии чораҳо ва самтҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** муносибатҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ мебошанд, ки вобаста ба муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** дар доираи объекти мазкур муайян гардида, аз омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ иборат аст, ки ҷавобгариро барои истеҳсол, тайёркунӣ, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба муомилот баровардани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ пешбинӣ менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба таври ҳамаҷониба, низомнок ва амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар доираи ин таҳқиқот марҳилаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1917–2025 вобаста ба мавзуи баррасишаванда таҳлил гардидаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз корҳои илмии чунин олимони барҷаста, ба монанди Н.М. Абдиров, Р.Х. Алиева, М.Я. Айдинбер, Л.М. Бабкин, О.Ю. Баев, Н.П. Барабанов, С.И. Бобраков, С. Боронбеков, С.А. Василев, Э.Г. Гасанов, И.М. Грязнов, И.В. Демидов, Н.Ю. М.Г. Икрамов, В.С. Комиссаров, К.Ш. Курманов, Т.М. Клименко, М.А. Любавин, А.Н. Мусаев, А.А. Майоров, А.В. Наумов, Э.Х. Надисева, Б.П. Орлов, В.Н. Паршин, М.Л. Прохорова, Т.И. Пуклич, В.Г. Середа, С.Ю. Федорюк, Е.Л. Харковский ва дигарон иборат мебошад.за аз давлатҳои хориҷӣ низ истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усули диалектикии шинохти воқеияти иҷтимоӣ, инчунин маҷмӯи усулҳои махсуси илмӣ ташкил медиҳанд, аз ҷумла: усули оморӣ, расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-сохторӣ, сотсиологӣ ва баъзе усулҳои дигар.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои омӯзиши 150 парвандаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ки ба ҷиноятҳои марбут ба истеҳсол, тайёркунӣ, коркард, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба муомилот баровардани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дахл

дошта, аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000–2017 баррасӣ шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** бо он асоснок мегардад, ки бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои илмии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо дарназардошти самтҳои муосири рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, инчунин бо такя ба маводи актуалии амалияи судӣ-тафтишотӣ ба таври маҷмуӣ таҳлил гардидаанд.

Дар доираи таҳлили системавӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ:

– мазмуни объекти бевоситаи ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ асоснок ва дақиқ гардонида шудааст. Исбот карда шудааст, ки объекти чунин ҷиноятҳо на худи саломатии аҳолӣ, балки амнияти саломатии аҳолӣ мебошад, зеро кирдорҳои мазкур ба таркибҳои расмӣ тааллуқ дошта, на аз лаҳзаи расонидани зарари воқеӣ, балки аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани хавфи воқеӣ, хотимаёфтамёфт эътироф мегарданд;

– тафсири нави консептуалии объекти хелии ҷиноятҳои ин гурӯҳ пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, пеш аз ҳама, ба амнияти ҷамъиятӣ, ки яке аз унсурҳои он амнияти саломатии аҳолӣ мебошад, таҷовуз менамояд. Дар ин замина, зарурати ворид намудани тағйирот ба номгузории фасл ва боби дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст;

– муайян намудани аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳои баррасишаванда имкон дод, ки онҳо аз таркибҳои монанд ба таври ҳамаҷониба фарқ карда шаванд;

– зарурати бознигарии сохтори моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, зеро, ба андешаи асосноки муаллифи диссертатсия, он бо шаклҳои гуногуни алтернативии кирдори ҷиноятӣ, ки аз рӯи дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ фарқ мекунанд, аз ҳад зиёд пурбор мебошад. Бори аввал пешниҳодҳо оид ба тақсим намудани он ба якчанд таркибҳои мустақили ҷиноят таҳия ва иброз гардидаанд;

– дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ нуктаҳои назари мустақили муаллифӣ нисбат ба муайян намудани мафҳумҳои «тайёркунӣ» ва «истеҳсол»-и воситаҳои нашъадор таҳия гардида, инчунин меъёрҳои

фарққунанда пешниҳод шудаанд, ки ба таҳлили хусусияти ҳаракати ғайриқонунӣ, дараҷаи такроршавии он ва сатҳи ташкили технологӣ такя менамоянд;

– дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки танзими амалкунандаи ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгарӣ барои ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор на ҳамеша ҳолатҳои паҳн намудани онҳоро миёни ноболиғон пурра фаро мегирад. Дар ин замина, зарурати аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи муқаррар намудани аломати мустақили бандубастшаванда пешниҳод гардидааст, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фурӯши воситаҳои нашъадор ба шахси барьало ноболиғ, пешбинӣ менамояд;

– пешниҳодҳое таҳия гардидаанд, ки ба барқарор намудани татбиқи институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор равона шудаанд, ба шарте ки шахс ихтиёран маводи нашъадорро ба мақомоти давлатӣ месупорад ва дар ошкор ва тафтиши ҷиноят фаъолона мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ на танҳо дар таҳияи назарияҳои нав ва дақиқсозии дастгоҳи мафҳумӣ ифода меёбад, балки инчунин дар шаклгирии пешниҳодҳои мушаххас ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи он таҷассум меёбад.

**Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳанд, ки нуктаҳои зерин асоснок ва ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:**

1. Мавқеи дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ устуворгашта, ки мувофиқи он саломатии аҳолӣ ҳамчун объекти ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор баррасӣ мегардад, ба такмили иловагии илмӣ ниёз дорад. Имконияти эътирофи саломатии аҳолӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ аз хусусияти таркиби моддии чунин ҷиноятҳо бармеояд, ки ин равишро то андозае асоснок менамояд.Аммо, бо назардошти он ки кирдорҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор (аз ҷумла таркиби пешбинишуда дар моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба таркибҳои расмӣ тааллуқ доранд, хулосаи оид ба зарурати баррасии объекти ин ҷиноятҳо на худи саломатии аҳолӣ, балки амнияти саломатии аҳолӣ асоснок ба назар мерасад. Ин гуна

ҷиноятҳо на аз лаҳзаи расонидани зарар ба саломатии аҳолӣ, балки аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани хавф ба амнияти саломатии аҳолӣ, ки он аз оғози муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ пайдо мешавад хотимаёфта эътироф мегарданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки номгузории баъзе фаслҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти онҳоро пурра инъикос намекунад. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки чунин номгузории нав қабул карда шавад: фасли VIII – «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ», ва боби 22 – «Ҷиноятҳое, ки ба амнияти саломатии аҳолӣ таҷовуз менамоянд».

2. Зарурати бознигарии моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин асосҳо муайян мегардад: якум, бо сабаби номгузории номатлуби ин меъёр, зеро мафҳуми «муомилоти воситаҳои нашъадор» ҳамчунин ба соҳибияти каси дигар додани онҳоро дар бар мегирад; дуюм, моддаи мазкур бо кирдорҳои гуногун, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо якхела нест, аз ҳад зиёд пурбор буда, дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мушкилот ба вуҷуд меорад. Бо мақсади такмили қонунгузорӣ пешниҳод мегардад, ки ин меъёр ба чор таркиби мустақили ҷиноят тақсим карда шавад.

– Истеҳсоли воситаҳои нашъадор ҳамчун амали мунтазам тайёр намудани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тавассути реаксияҳои химиявӣ бо истифодаи таҷҳизоти махсус дар шароити лабораторӣ ё маишӣ муайян карда шавад;

– Бо дарназардошти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мақсаднок дониста мешавад, ки истеҳсол ва ба муомилот баровардани ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба моддаи алоҳида ҷудо карда шаванд, ки чунин таҷриба қисман дар моддаи 228.1 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия амалӣ гардидааст. Ҳамзамон, зарур аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба муомилот баровардани воситаҳои нашъадор ба ноболиғон пурзӯр карда шуда, аломати бандубастшавандаи «дидаву дониста ба соҳибияти ноболиғ додан» пешбинӣ гардад;

– Ҷудо намудани ғайриқонуни истеҳсол ва ба муомилот баровардани воситаҳои нашъадор ба таркиби алоҳидаи ҷиноят, ба

монанди моддаи 228.1 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия, асоснок карда мешавад.

3. Таҳлили чунин аломати субъекти ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ҳамчун мукаллаф будани шахсони гирифтори нашъамандӣ, инчунин шахсоне, ки дар ҳолати ба ном "абстиненсия" (ҳолати худдорӣ аз нашъа) қарор доранд, нишон медиҳад, ки ҳолати мазкур тибқи хулосаҳои тиббӣ ҳамчун парешонҳолии рӯҳӣ эътироф мегардад.Ҳолати абстиненсия метавонад боиси вайроншавии муайян дар фаъолияти системаи асаби марказӣ гардад, ки дар натиҷаи он шахс ҳангоми содир намудани чунин кирдорҳо, ба мисли тайёркунӣ ё ба даст овардани маводи нашъадор, қобилияти идора намудани кирдори худро аз даст медиҳад.Бо дарназардошти он ки шахс дар ҳолати абстиненсия метавонад кирдори худро пурра дарк накунад ё қобилияти идора намудани онро надошта бошад, ба мақомоти судӣ зарур аст, ки ин ҳолатро ҳангоми таъини ҷазо нисбат ба шахсони гунаҳгор ба назар гиранд.

4. Пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркибҳои нави ҷиноят бо мазмуни зерин ворид карда шаванд:

– ғайриқонунӣ ба даст овардан, нигоҳдорӣ, коркард ва фиристондани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

– ғайриқонунӣ ба муомилот баровардан (фурӯш) ва истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

– ғайриқонунӣ тайёр намудани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

– ғайриқонунӣ интиқол додани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ.

– Ҳамчунин, мақсаднок dониста мешавад, ки ба эзоҳи қаблии моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор карда шавад, ки қаблан шакли махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро нисбат ба шахсоне пешбинӣ менамуд, ки ғайриқонунӣ тайёр кардан, ба даст овардан, нигоҳ доштан, интиқол додан, фиристодан ё ба муомилот баровардани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро содир намудаанд, ба шарте ки дар ҳаракатҳои онҳо аломатҳои дигар ҷиноят

вуҷуд надошта бошанд. Эзоҳи мазкур функсияи ҳавасмандкунанда дошта, ба ташвиқи рафтори мусбати пас аз содир намудани ҷиноят, ки дар шакли пушаймони аз кирдор ифода меёфт, равона гардида буд.

Дар ин замина пешниҳод мегардад, ки моддаи муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо эзоҳи махсуси зерин пурра карда шавад:

Эзоҳ. Шахсе, ки ҷиноятро дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ содир намудааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, агар ӯ ихтиёран чунин воситаҳо ё моддаҳоро ба мақомот супорида, инчунин бо амалҳои фаъоли худ ба ошкор ва пешгирии фаъолияти ҷиноятӣ, фош намудани шарикон ва ҳамчунин муайян намудани молу мулке, ки дар натиҷаи ҷиноят ба даст оварда шудааст, мусоидат намояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсияи пешниҳодшуда масъалаи муқовимати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар сатҳи монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар доираи ин таҳқиқот таҳия гардидаанд, метавонанд барои рушди институтҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамият дошта, инчунин дар раванди қонунэҷодкунӣ истифода шаванд.

Мавқеъҳои дар кори мазкур ифодаёфта метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ истифода гарданд. Ҳамчунин, хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодгардида метавонанд ҳангоми таҳияи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи дурусти меъёрҳои марбут ба муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ истифода шаванд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ҳуқуқӣ, инчунин дар низоми омодасозии ибтидоӣ ва бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқшиносӣ дар раванди таҳқиқот таъмин гардидааст. Дар ҷараёни анҷом додани таҳқиқот қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои тавзеҳии Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла адабиёти таълимӣ-методӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ ба таври мукаммал ва таҳлилӣ баррасӣ шудаанд.

Илова бар ин, барои баланд бардоштани сатҳи асоснокии хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада, таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои хориҷӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар гузоштани мустақилонаи масъалаи илмӣ, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби методология ва ташаккули мавқеъҳои консептуалии кори диссертатсионӣ ифода меёбад.

Аз ҷониби муаллиф таҳлили ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд, гузаронида шуда, ҳамчунин амалияи тафтишӣ ва судӣ оид ба ин гурӯҳи парвандаҳо омӯхта шудааст.

Муаллиф мавқеъҳои назариявӣ вобаста ба дақиқсозии объекти ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ мустақилона таҳия гардида, инчунин меъёрҳои фарқгузории шаклҳои алоҳидаи муомилоти ғайриқонунӣ аз таркибҳои монанди ҷиноят пешниҳод шудаанд.

Муаллиф пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вобаста ба такмил додани моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ворид намудани таркибҳои нави ҷиноят ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои шаклҳои алоҳидаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор таҳия намудааст.

Ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда аз ҷониби довталаб мустақилона ба даст оварда шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии шахсии ӯро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути пешниҳоди маърузаҳо оид ба нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҷаласаҳои кафедра, семинарҳои илмӣ, инчунин дар доираи дарсҳои лексионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ амалӣ гардидааст.

Диссертатсияи номзадӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия ва муҳокима гардидааст.

Нуктаҳои асосии назариявие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби муаллиф дар раванди таълим ҳангоми таълими фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода бурда мешаванд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърузаҳо дар чунин конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Крупный размер наркотических средств как квалифицирующий признак» (ш. Душанбе, соли 2019).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Мушкилоти муосири муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» – маърӯза дар мавзуи «Отграничение контрабанды наркотических средств от незаконного оборота наркотических средств» (ш. Душанбе, соли 2026)

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 187 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Муқаддимаи** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ошкор намудани заминаҳои илмӣ ва амалии интихоби мавзуъ, инчунин ба асоснок намудани мубрамияти он дар шароити муосир равона гардидааст. Дар доираи ин қисм дараҷаи таҳқиқшудагии мавзуъ, объект ва предмети он, мақсад ва вазифаҳо, усулҳои таҳқиқот, асоси эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти амалии онҳо муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокӣ, саҳми шахсӣ, маълумот оид ба тасвиб ва сохтори кор низ инъикос мегарданд.

**Зербоби якуми боби аввал таҳти унвони «Ҷанбаҳои таърихӣ-криминологии мубориза ба муқобили муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор»** бахшида шуда, дар он муаллиф таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии ташаккул ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро анҷом медиҳад.

Таҳқиқот давраҳои пешазинқилобӣ, марҳилаи шӯравии рушди қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин марҳилаи ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи истиқлол фаро мегирад.

Нишон дода мешавад, ки дар марҳилаҳои аввали рушди меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки ба муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор равона гардида буданд, онҳо хусусияти пароканда доштанд. Ин гуна ҷиноятҳо дар низоми кирдорҳои зидди тартиби идоракунӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ муайян гардида, бе

ҷудо намудани равшани объекти мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ баррасӣ мешуданд. Набудани муносибати комплексӣ ба танзими ин соҳа имкон намедод, ки хусусиятҳои хоси ҷиноятҳои вобаста ба моводи нашъадор ва дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии онҳо ба таври самаранок ба инобат гирифта шаванд.

Дар давраи шӯравӣ криминализатсияи марҳилавии шаклҳои гуногуни муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба амал меояд. Қонунгузор тадриҷан доираи кирдорҳои ҷиноятиро васеъ намуда, ба он чунин ҳаракатҳоро, аз қабили ғайриқонунӣ тайёр кардан, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба муомилот баровардани воситаҳои нашъадор дохил менамояд. Ҳамзамон, аломатҳои бандубастшаванда, ки ба андозаи моводи нашъадор, такроршавии ҷиноят, шаклҳои гурӯҳии содир намудани он ва дигар ҳолатҳое, ки хавфи ҷамъиятии кирдорро зиёд менамоянд, вобастаанд, ҷорӣ карда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ нишон медиҳад, ки фарқгузории ҷавобгарӣ ба таври пайдарпай амалӣ нагардид ва баъзе меъёрҳо бо кирдорҳои алтернативии аз ҳад зиёд пурбор тавсиф мешуданд.

Дар зербоб таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ва таҳаввули он дар шароити афзоиши нашъамандӣ ва фаъол гардидани гардиши фаромилли моводи нашъадор равона гардидааст. Нишон дода мешавад, ки тағйироти меъёрҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ аксаран хусусияти реактивӣ дошта, на бо натиҷаи дарки низомноки илмии масъала, балки бештар бо бадшавии ногаҳонии вазъи криминогенӣ вобаста буданд. Дар як қатор давраҳо қонунгузор ба пурзӯр намудани аз ҳад зиёди санксияҳо, аз ҷумла татбиқи чораҳои хеле сахти ҷазои ҷиноятӣ, муроҷиат намудааст, ки ин на ҳамеша ба коҳиши сатҳи ҷиноятҳои вобаста ба моводи нашъадор оварда мерасонд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз мавҷудияти вобастагии мустақим миёни тағйирёбии механизмҳои ҳуқуқии ҷиноятии таъсиррасонӣ ва вазъи ҷинояткории марбут ба моводи нашъадор шаҳодат медиҳанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки даст кашидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои баъзе шаклҳои муомилоти ғайриқонунӣ ва истеъмоли моводи нашъадор берун аз мақсадҳои тиббӣ боиси заиф

гардидани монеаҳои ҳуқуқӣ гардида, дар навбати худ ба афзоиши бозори ғайриқонунии маводи нашъадор ва зиёд шудани шумораи ҷиноятҳо дар ин соҳа оварда расонидааст.Аз тарафи дигар, пурзӯр гардонидани чораҳои ҷазодиҳӣ бидуни ба назар гирифтани омилҳои криминологӣ ва хусусияти иҷтимоии нашъамандӣ самаранокии ҳуқуқтатбиқнамоиро коҳиш дода, боиси ба вуҷуд омадани ихтилофҳо дар амалияи судӣ-тафтишӣ мегардад.

Дар зербоб, инчунин таҳлили таъсири конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба ташаккули қонунгузории миллии ҷиноятӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Нишон дода мешавад, ки имплементацияи уҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи миллӣ ба ҳамгунсозии равишҳо нисбат ба криминализатсияи ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъадор мусоидат намудааст, аммо на ҳамеша бо мутобиқсозии сохторҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва криминологии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ гардидааст.

Дар асоси таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии гузаронидашуда хулоса бароварда мешавад, ки қонунгузории муосири ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор камбудиҳои консептуалӣ ва сохтории моделҳои қаблии ҳуқуқиро ба мерос гирифтааст. Ба ҷумлаи онҳо дохил мешаванд: аз ҳад зиёд пурбор будани баъзе меъёрҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ бо кирдорҳои алтернативӣ, нокифоя будани фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шаклҳои алоҳидаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, инчунин номувофиқ будани санксияҳо ба таҳдидҳои воқеии криминологӣ.

Хулоса бароварда мешавад, ки зарурати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси муносибати низомнок вуҷуд дорад, ки таҷрибаи таърихӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва тамоюлҳои муосири рушди ҷинояткории вобаста ба маводи нашъадорро ба назар мегирад. Маҳз ҳамин омилҳо ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳлили минбаъдаи ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ, ки дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия анҷом дода шудааст, хизмат менамоянд.

**Зербоби дуюми** диссертатсия таҳти унвони «Масъалаҳои муқовимат ва пешгирии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор» ба

омӯзиши низоми чораҳои муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва пешгирии ҷиноятҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар ин зербоб қонуниятҳои криминологии ҷинояткории вобаста ба маводи нашъадор таҳқиқ ва ошкор гардида, таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили хусусиятҳои ин кирдор, ки зери таъсири вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шароити ҳудудӣ-ҷуғрофӣ ва равандҳои криминалии фаромиллӣ ташаккул ёфтаанд, дода мешавад. Нишон дода мешавад, ки ҷинояткории вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди устувор, ҳарчанд номунтазам, инчунин бо дараҷаи баланди латентӣ тавсиф мегардад.

Таваҷҷуҳи махсус ба фарқгузории минтақавии ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъадор дода мешавад, ки бо наздик будани баъзе ҳудудҳо ба сарҳади давлатӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва шиддатнокии равандҳои муҳоҷиратӣ вобаста мебошад. Таъкид мегардад, ки қисми зиёди ҷиноятҳои ошкоршуда бо транзити воситаҳои нашъадор, инчунин бо фаъолияти гурӯҳҳои муташаккил ва фаромиллии ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд.

Дар зербоб мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки он ба таври объективӣ нақши кишварро ҳамчун яке аз давлатҳои калидии транзитӣ дар низоми гардиши байналмилалии маводи нашъадор муайян менамояд. Қайд мегардад, ки дарозии сарҳади давлатӣ ва душвордастрас будани он, вазъи ноустувор дар давлатҳои ҳамсарҳад, инчунин фаъолияти гурӯҳҳои фаромиллии ҷиноятӣ мушкилоти иловагиро барои муқовимати самаранок ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ба вуҷуд меоранд.

Хулоса бароварда мешавад, ки омилҳои зикршуда бори криминогениро ба низоми миллии адлияи ҷиноятӣ ба таври назаррас зиёд менамоянд.

Дар таҳқиқот таҳлили низоми институтсионалии муқовимат ба ҷинояткории вобаста ба маводи нашъадор гузаронида шудааст, ки он мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои махсуси давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Мазмуни фаъолияти Агентии назорати маводи нашъаовар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти

корҳои дохилӣ, воҳидҳои сарҳадӣ ва дигар иштирокчиёни сиёсати зидди маводи нашъадор ошкор карда мешавад. Хусусиятҳои фаъолияти пешгирикунандаи онҳо, инчунин механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байниидоравӣ баррасӣ мегарданд. Хулоса баровarda мешавад, ки нақши калидӣ дар таъмини самаранокии мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ба амалҳои ҳамоҳангшуда ва мубодилаи саривақтии иттилоот тааллуқ дорад.

Ҳангоми таҳқиқи натиҷаҳои татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи мазкур ва паст намудани сатҳи истеъмоли ғайритиббии маводи нашъадор, муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз дастовардҳои муайяни мусбат, ин чораҳо бештар хусусияти ҳифзи ҳуқуқ дошта, ба бартараф намудани сабабҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии нашъамандӣ ба таври кофӣ равона нашудаанд.

Ҷойгоҳи махсусро таҳқиқи ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ишғол менамояд. Шаклҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ дар доираи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таъкид мегардад, ки дар шароити хусусияти фаромиллии ҷинояткории вобаста ба маводи нашъадор, ҳамкории байналмилалӣ унсури зарурии муқовимати самаранок ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор мебошад, аммо иқтидори он ба таври пурра истифода бурда намешавад.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки муқовимати самаранок ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор наметавонад танҳо тавассути пурзӯр гардонидани таъқиби ҷиноятӣ таъмин гардад. Зарурати татбиқи муносибати комплексӣ асоснок карда мешавад, ки он чораҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ, криминологӣ, пешгирикунанда ва иҷтимоиро дар бар гирифта, инчунин такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоиро бо дарназардошти қонуниятҳои ошкоршудаи криминологӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои вазъи маводи нашъадор дар кишвар талаб менамояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони «Мафҳум ва тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва

моддаҳои психотропӣ» масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалии мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Зербоби якум таҳти унвони «Тавсифи аломатҳои объективии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ»** ба таҳлили системавии ҳуқуқи ҷиноятии аломатҳои объективии ин ҷиноятҳо бахшида шудааст, ки омӯзиши объект, предмет ва тарафи объективии таркиби ҷиноятро дар бар мегирад. Ин гуна тарз имкон медиҳад, ки моҳияти ҳуқуқии чунин кирдорҳо ба таври ҳамаҷониба ошкор гардида, хусусиятҳои хоси онҳо муайян карда шаванд.

Ҷойгоҳи марказиро дар зербоб таҳлили масъалаи муайян намудани объекти ҷиноятҳои ин гурӯҳ ишғол менамояд. Натиҷаҳои муқоисаи консепсияҳои илмӣ ва модели қонунгузории Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавҷудияти объекти мустақили ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ шаҳодат медиҳанд. Асоснок карда мешавад, ки чунин кирдорҳо на ба худи саломатии аҳолӣ дар маънои маҳдуд ва инфиродӣ зарар мерасонанд, балки ба амнияти саломатии аҳолӣ ҳамчун ҳолати маҷмӯии ҳифзи ҷамъиятӣ осеб мерасонанд.

Муайян карда шудааст, ки таркибҳои мазкур хусусияти таркиби расмӣ дошта, аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани таҳдид ба объекти мазкур, новобаста аз фаро расидани оқибатҳои воқеӣ хотимаёфта эътироф мешаванд. Дар ин замина исбот мегардад, ки амалияи дар доктрина устуворгашта, ки чунин кирдорҳоро ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ бандубаст менамояд, аз сохтори меъёрии ҳуқуқи ҷиноятии онҳо барнамеояд ва бинобар ин, ба бознигарӣ ниёз дорад.

Дар зербоб, инчунин, масъалаи объекти хелии ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ баррасӣ мегардад. Таҳлили системавии ҷойгиршавии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқии ҷиноятӣ дар сохтори қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки зарурати бандубасти онҳо ҳамчун ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ асоснок карда шавад, ки дар таркиби он амнияти саломатии аҳолӣ ҳамчун унсури мустақили сохторӣ баромад менамояд.

Ин хулоса барои муайян намудани ҷойгоҳи дурусти таркибҳои таҳлилшаванда дар низоми Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ва такмили минбаъдаи сохтори қонунгузорӣ аҳамияти принсипӣ дорад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки предмети ҷиноятҳои марбут ба соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ на танҳо худи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, балки инчунин растаниҳо ва қисмҳои онҳо, ки дорои ҷузъҳои нашъадор мебошанд, ба ҳисоб мераванд. Қайд карда мешавад, ки ин объектҳо бо маҷмӯи аломатҳои тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва физикӣ тавсиф гардида, ин ҳолат хусусиятҳои махсуси баҳои ҳуқуқии ҷиноятии онҳоро муайян намуда, хусусиятҳои бандубасти кирдорҳои дахлдорро пешакӣ муайян менамояд.

Таъкид мегардад, ки барои баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ аҳамияти калидӣ аломати ҳуқуқии предмет дорад, ки дар дохил намудани моддаҳои дахлдор ба рӯйхатҳои миллӣ ва конвенсияҳои байналмилалӣ, инчунин дар муқаррароти меъёрии нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки андозаи калон ва махсусан калонро муайян менамоянд, ифода меёбад.

Мазмуни зербоби мазкур ба таҳлили тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ равона гардидааст, ки дар шаклҳои алтернативии фаъолият, аз ҷумла: истеҳсоли ғайриқонунӣ, тайёркунӣ ва коркард, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба муомилот баровардани моддаҳои дахлдор ифода меёбад. Ҳар яке аз шаклҳои зикршуда дорои аҳамияти мустақили ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ мебошад, аммо муттаҳид намудани онҳо дар доираи як модда боиси норавшан гардидани ҳудудҳои байни кирдорҳои алоҳида гардида, бандубасти дурусти онҳоро мушкил месозад.

Таваҷҷуҳи махсус ба таҳлили тайёркунӣ ва истеҳсоли ғайриқонунии воситаҳои нашъадор равона карда мешавад. Дар кор мақсаднокии фарқгузории шаклҳои зикршудаи фаъолияти ғайриқонунӣ дар асоси чунин меъёрҳо, аз қабили устуворӣ ва такроршавии ҳаракатҳои ҷиноятӣ, истифодаи таҷҳизоти махсуси техникӣ, инчунин сатҳи ташкили кирдори ҷиноятӣ асоснок карда мешавад. Дар айни замон, хулоса бароварда мешавад, ки истеҳсоли воситаҳои нашъадор нисбат ба тайёркунии онҳо бо дараҷаи баландтари хавфнокии ҷамъиятӣ фарқ мекунад, ки ин ба таври объективӣ зарурати татбиқи танзими фарқгузории ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба миён меорад.

Дар зербоб хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардан ва нигоҳдории воситаҳои нашъадор, алоқамандии онҳо ва фарқгузории онҳо ба таври муфассал баррасӣ мегарданд. Қайд карда мешавад, ки нигоҳдорӣ ба ҷиноятҳои давомдор мансуб буда, дар ҳоле ки ба даст овардан хусусияти лаҳзавӣ дорад, аммо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ин шаклҳои муомилоти ғайриқонунӣ аксаран омехта мешаванд.

Таҳлили амалияи судӣ-тафтишӣ имкон медиҳад, ки хатогиҳои маъмул дар квалификатсия, ки бо муайян намудани нодурусти лаҳзаи хотимаёфта эътироф шудани ҷиноят вобастаанд, ошкор карда шаванд.

Ҷойгоҳи махсусро таҳлили интиқол ва фиристодани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ишғол менамояд. Нишон дода мешавад, ки набудани меъёрҳои дақиқи қонунгузорӣ барои фарқгузории онҳо аз нигоҳдорӣ дар раванди ҳаракат (сафар) боиси гуногунфаҳмӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мегардад. Дар ин замина зарурати дақиқ намудани аломатҳои шаклҳои зикршудаи муомилоти ғайриқонунӣ асоснок карда мешавад.

Дар анҷом муаллиф қайд менамояд, ки дар амалияи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва дигар пайвастагиҳои таҳти назорат алоқаманданд, яке аз масъалаҳои баҳсталабтарини асосӣ масъалаи фарқгузории интиқол аз нигоҳдорӣ дар ҷараёни сафар мебошад.

Омӯзиши маводи судӣ нишон медиҳад, ки кирдорҳои аз ҷиҳати мазмун монанд аз ҷониби судҳо ба таври гуногун бандубаст карда мешаванд: дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун интиқол, дар ҳолатҳои дигар бошад, ҳамчун нигоҳдорӣ дар ҷараёни сафар.

Бояд интиқоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропиро аз бурдани онҳо, ки ҳамчун шакли хусусии нигоҳдорӣ баромад менамояд, фарқ намуд. Дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аксаран ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар онҳо мақомоти тафтишӣ ва судӣ хусусияти кирдорро нодуруст муайян менамоянд.

Интиқол бояд ҳамчун ҷойивазкунии воситаҳои нашъадор байни маҳалҳои гуногун бо истифодаи воситаҳои нақлиёт танҳо дар он ҳолатҳо фаҳмида шавад, ки агар миқдори модда ба андозаи калон ё махсусан калон мансуб бошад. Дар дигар ҳолатҳо дурусттар аст, ки танҳо дар бораи нигоҳдории воситаҳои нашъадор сухан ронда шавад.

Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намудани гуногунфаҳмӣ дар ҳалли ин масъала ва беҳтар намудани татбиқи меъёри мазкур, пешниҳод мегардад, ки ба Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти зерин ворид карда шавад: «Интиқоли воситаҳои нашъадор – ин ҷойивазкунии чунин воситаҳо ба андозаи калон ё махсусан калон аз як ҷой ба ҷойи дигар бо истифодаи воситаҳои нақлиёт мебошад».

Бо ҳамин асос, пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби алоҳида ворид карда шавад:

«Моддаи 201[1]. Интиқоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ».

**Дар зербоби дуюм** таҳти унвони «Аломатҳои субъективии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» таҳлил дар асоси тақсим намудани аломатҳои субъективӣ ба ду унсур – тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят анҷом дода мешавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки агар тарафи объективии ҷиноят хусусияти зоҳирии кирдорро инъикос намояд, тарафи субъективӣ моҳияти дохилии равонӣ ва психикии онро ошкор месозад. Кирдор танҳо дар он ҳолат ҷиноят эътироф мегардад, ки агар он ба таври огоҳона содир гардида, натиҷаи рафтори иродавии шахс бошад. Маҳз тарафи субъективӣ имкон медиҳад, ки самти дохилӣ ва мазмуни кирдорҳои шахси гунаҳгор дуруст дарк карда шавад.

Тарафи субъективии ҷиноят вазифаи муҳимро иҷро менамояд: он имкон медиҳад, ки таркибҳое, ки аломатҳои объективии монанд доранд, аз ҳам фарқ карда шаванд, инчунин кирдорҳои ҷиноятӣ аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ҷудо карда шаванд. Муносибати дохилии шахс ба кирдори содирнамуда на танҳо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро муайян мекунад, балки ба фардисозии ҷазо низ таъсир мерасонад. Суд ҳангоми арзёбии тарафи субъективӣ, меъёри ҷавобгариро муайян намуда, намуди мушаххаси ҷазоро интихоб мекунад.

Барои бандубасти ҳуқуқии дуруст ва баҳои объективии ҷинояти баррасишаванда, ҳамаҷониба муайян намудани тарафи субъективии чунин кирдорҳо, ба монанди тайёркунӣ, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба муомилот баровардани ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, аҳамияти махсус дорад.

Ҳангоми таҳлили шаклҳои гуноҳ нисбат ба ин намуди ҷиноят, муаллиф асоснок қайд менамояд, ки барои таркибҳои расмӣ аҳамияти ҳуқуқӣ танҳо муносибати шахс ба худи кирдор дорад, на ба оқибатҳо, ки ба сохтори таркиби ҷиноят дохил намешаванд.

Ба андешаи муаллиф, гуноҳ дар муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор танҳо дар ҳолати мавҷуд будани қасди бевосита имконпазир аст. Қасди бевосита маънои онро дорад, ки шахс хусусияти хавфноки ҷамъиятии кирдори худро дарк намуда, ба таври огоҳона хоҳиши амалӣ намудани онро дорад. Масалан, шахсе, ки маводи нашъадорро ба даст меорад, хуб дарк мекунад, ки бо моддаҳое сарукор дорад, ки пурра аз муомилоти озод манъ шудаанд ё танҳо дар асоси низоми иҷозатдиҳӣ истифода мешаванд, аммо бо вуҷуди ин ба содир намудани кирдори ғайриқонунӣ тасмим мегирад.

Ангеза ва мақсад ба аломатҳои иловагии тарафи субъективии ҷиноят мансуб мебошанд. Онҳо на ҳамеша ба сохтори таркиби ҷиноят дохил мешаванд, аммо ҳангоми фардисозии ҷазо ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамчун унсурҳои фаъолияти равонии шахси гунаҳгор, онҳо асосан барои ҷиноятҳои қасдона хос мебошанд.

Аксари ҷиноятҳое, ки дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор содир мегарданд, бо нияти ба даст овардани фоидаи моддӣ анҷом дода мешаванд.

Дар айни замон, исбот намудани қасд ба фурӯш дар ҳолате, ки далелҳои бевоситаи амалигардонии он мавҷуд нестанд, барои мақомоти тафтишӣ ва суд одатан мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд меорад.

Таҳлили амалия нишон медиҳад, ки дар бораи мақсади ба соҳибияти каси дигар додан чунин ҳолатҳо шаҳодат дода метавонанд: ҳаҷми назарраси маводи нашъадор, кӯшиши интиқоли он ба шаҳрҳо ё давлатҳои дигар, инчунин нигоҳдорӣ ё интиқоли маводи нашъадор дар шакли бастабандишуда - ба граммҳо, дар халтачаҳо, қуттиҳо ва дигар зарфҳои хурд.

Аломатҳои иловагии мақсади ба соҳибияти каси дигар додан метавонанд инҳо бошанд: мусодира намудани тарозуҳои дорухонавӣ, сангчаҳои тарозу, зарфҳо ҳангоми дастгиркунӣ дар роҳ ё ҳангоми кофтуков дар маҳалли зист; доғи судӣ барои фурӯши маводи нашъадор; пеш бурдани тарзи ҳаёти носолим; дастгир шудан ҳангоми интиқоли

маводи нашъадор бо маблағҳои калони пулӣ; хулосаи тиббӣ дар бораи он, ки шахси гунаҳгор нашъаманд нест ва ғайра.

Дар ҳолати мавҷуд будани гумон нисбат ба мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, зарур аст тамоми чораҳои пешбининамудаи қонун барои муайян намудани мақсади воқеии амалҳо бо маводи нашъадор андешида шаванд, то ки ҳолатҳои беасос озод намудани ҷинояткорони хавфнок аз ҷазои сазовор пешгирӣ карда шаванд, зеро чунин ҳолат дар асл ба нокушодани ҷиноят баробар мебошад.

Мувофиқи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо шахсони гунаҳгор ҷалб карда мешаванд, ки ба аломатҳои субъекти ҷиноят ҷавобгӯ бошанд, яъне бояд ба талаботи синнусолӣ мутобиқ ва мукаллаф бошанд.

Мувофиқи қисми дуюми моддаи 23 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор шахсони воқеие мебошанд, ки мукаллаф буда, ба синни 14 расидаанд.

Азбаски чунин шахсон бисёр вақт дорои баъзе ихтилолҳои равонӣ мебошанд, муайян намудани аломатҳои мукаллаф будани онҳо вазифаи махсус буда, истифодаи меъёрҳои махсус, аз ҷумла меъёрҳои психиатриро талаб менамояд. Азбаски ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои мазкур танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки шахс қобилияти дарк намудани хусусияти воқеӣ ва ҳуқуқии ҳаракатҳои содиршавандаро дошта, инчунин кирдори худро идора карда тавонад, шахсоне, ки дар лаҳзаи содир намудани кирдор аз чунин қобилият маҳруманд, номукаллаф эътироф гардида, бинобар ин наметавонанд субъекти ҷиноятҳои марбут ба тайёркунӣ, ба даст овардан ё фурӯши воситаҳои мазкур бошанд.

Истеъмоли дарозмуддати маводи нашъадор боиси тағйироти харобиовар дар системаи асаб гардида, ба ихтилолҳои вазнини равонӣ оварда мерасонад ва шахсро аз қобилияти идора намудани рафтори худ маҳрум месозад. Ҳолати номукаллафи танҳо дар асоси хулосаи экспертизаи тиббӣ муайян карда мешавад.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои субъективии ғайриқонунӣ тайёркунӣ, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ё ба

соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– маҷмуи аломатҳои субъективӣ ҳам хусусиятҳои субъекти ҷиноят ва ҳам унсурҳои тарафи субъективиро дар бар мегирад;

– субъекти ин ҷиноятҳо ҳар як шахси воқеии мукаллаф, новобаста аз мавҷуд будани шаҳрвандӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст;

– зарурати пурзӯр намудани чораҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ нисбат ба кирдорҳое, ки бо дарки ноболиғ будани ҷабрдида содир мегарданд, асоснок карда шудааст;

– пешниҳод гардидааст, ки қисмҳои 3–4 моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, рӯйхати аломатҳои вазнинкунанда бо ишора ба содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор нисбат ба ноболиғон ё супоридани онҳо ба чунин шахс пурра карда шавад;

– муайян карда шудааст, ки масъалаи мукаллаф будани шахсоне, ки ғайриқонунӣ тайёркунӣ, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ё ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро содир намудаанд, бояд бо дарназардошти маҷмуи меъёрҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ ҳал карда шавад.

**Дар боби сеюм** «Таркибҳои вазнинкунанда ва фарқгузории ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёркунӣ, коркард, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз таркибҳои монанд» мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Дар зербоби якуми боби сеюм** таҳти унвони «Тавсифи таркибҳои вазнинкунандаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» таҳлили ҳамаҷонибаи таркибҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, гузаронида мешавад. Дар он асосҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин табиати ҳуқуқии аломатҳои бандубастшаванда, ки хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳоро зиёд менамоянд, мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Тавачҷуҳи махсус ба таҳлили такроршавӣ, шаклҳои гурӯҳии шарикӣ, содир намудани ҷиноятҳо бо андозаи калон ва махсусан калон, ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок, истифодаи мақоми хизматӣ, инчунин фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва иттиҳодияҳои ҷиноятӣ равона гардидааст. Нишон дода мешавад, ки аломатҳои мазкур на танҳо афзоиши миқдории хавфи ҷамъиятиро инъикос менамоянд, балки тағйирёбии сифатии хусусияти рафтори ҷиноятиро низ нишон медиҳанд.

Дар зербоб хулоса асоснок карда мешавад, ки такроршавии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз мавҷудияти самти устувори криминалии шахс шаҳодат дода, ба баҳои сахттари ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ниёз дорад. Ҳамчунин масъалаи фарқгузории такроршавӣ аз ҷинояти давомдор таҳлил гардида, хатогиҳои амалияи судӣ, ки бо муносибати расмӣ ба бандубасти ҳуқуқии ин аломатҳо алоқамандаnд, ошкор карда мешаванд.

Ҷойгоҳи назаррасро таҳқиқи шаклҳои гурӯҳии содир намудани ҷиноятҳои вобаста ба моводи нашъадор ишғол менамояд. Хусусиятҳои бандубасти ҳуқуқии кирдорҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ва иттиҳодияи ҷиноятӣ содир мегарданд, ошкор карда мешаванд. Таъкид мегардад, ки муомилоти ғайриқонунии моводи нашъадор торафт бештар хусусияти муташаккил пайдо намуда, ин ҳолат зарурати муайян намудани дақиқи нақши ҳар як ҳамиштирокчӣ ва фарқгузории шаклҳои шарикиро ба миён меорад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили аломати вазнинкунанда, ки бо содир намудани ҷиноят ба андозаи калон ва махсусан калон алоқаманд аст, тавачҷуҳи мустақил дода шудааст. Хулоса асоснок карда мешавад, ки набудани меъёрҳои ягона ва дақиқ муқарраршуда барои муайян намудани андозаи воситаҳои нашъадор дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ боиси баҳои нобаробари ҳуқуқии ҷиноятии кирдорҳои монанд ва фарқияти ҷиддӣ дар амалияи таъини ҷазо мегардад. Дар ин замина зарурати таҳияи тарзҳои ягона барои муайян намудани андозаи воситаҳои нашъадор бо дарназардошти намуди онҳо, дараҷаи консентратсия ва сатҳи таъсир ба организми инсон асоснок карда мешавад.

Дар зербоб, инчунин, таркибҳои махсусан вазнинкунанда, ки бо истифодаи мақоми хизматӣ, содир намудани ҷиноят дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва дигар ҳолатҳое, ки хавфи ҷамъиятиро зиёд менамоянд, алоқамանданд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Хулоса бароварда мешавад, ки таҳрири амалкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ на ҳамеша дараҷаи воқеии хавфи баъзе шаклҳои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадорро пурра инъикос менамояд ва бинобар ин ба дақиқсозӣ ва такмили меъёрҳои дахлдор ниёз дорад.

**Зербоби дуюм** таҳти унвони «Фарқгузории ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёркунӣ, коркард, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз таркибҳои ҷиноятҳои монанд» ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҷиноятии масъалаҳои фарқгузории муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз таркибҳои монанд бахшида шудааст.

Нишон дода мешавад, ки мушкилоти бандубасти ҳуқуқӣ ҳам аз монандии аломатҳои объективӣ ва субъективии кирдорҳои баррасишаванда, ҳам аз камбудиҳои техникаи қонунгузорӣ, ки дар аз ҳад зиёд пурбор будани баъзе меъёрҳо бо амалҳои алтернативӣ ва набудани меъёрҳои дақиқи фарқгузории онҳо ифода меёбанд, вобаста мебошанд.

Дар зербоб таъкид мегардад, ки фарқгузории муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз таркибҳои монанд аҳамияти принсипӣ дошта, барои бандубасти ҳуқуқии дурусти кирдори содиршуда, фардисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва риояи принсипи адолат муҳим мебошад. Хатогиҳо дар фарқгузории ин таркибҳо аксаран ба сабук намудани беасоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ё, баръакс, ба аз ҳад зиёд шадид гардонидани он оварда мерасонанд.

Дар таҳқиқот зарурати фарқгузории мустақили ҳуқуқии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва ҷалб намудан ба истеъмоли онҳо асоснок карда мешавад. Муайян гардидааст, ки кирдорҳои мазкур дорои самти гуногуни иҷтимоӣ буда, ба объектҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ таҷовуз менамоянд.

Ҷалб намудан ба истеъмол бо таъсири инфиродӣ ба шахс тавсиф гардида, ба ташаккул ё таҳкими вобастагии нашъадорӣ равона шудааст,

дар ҳоле ки муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор тартиби аз ҷониби давлат муқarraршудаи гардиши онҳоро вайрон намуда, ба амнияти ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ таҳдид эҷод менамояд.

Дар натиҷаи таҳлил мавқеъ дар бораи бандубасти ҳуқуқии кирдор аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо дар ҳолати ҳамзамон мавҷуд будани мақсади ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моил намудан ба истеъмоли онҳо пешниҳод карда шудааст.

Ҳамчунин ба масъалаи фарқгузории ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз парвариши ғайриқонунии растаниҳои дорои моддаҳои нашъадор таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Қайд карда мешавад, ки парвариш ҳамчун таркиби мустақили ҷиноят баромад намуда, аз рӯи предмет ва тарафи объективӣ фарқ мекунад. Таъкид мегардад, ки ҷамъоварӣ ва коркарди минбаъдаи растаниҳои парваришшуда аллакай шаклҳои дигари муомилоти ғайриқонуниро ташкил медиҳанд, ки татбиқи қоидаҳои маҷмуи ҷиноятҳоро талаб менамояд.

Нишон дода мешавад, ки дар амалия аксаран ҳолатҳои беасос «фурӯ бурдани» парвариш тавассути таркиби ба даст овардан ё тайёркунии ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба назар мерасад.

Дар зербоб, инчунин, масъалаи фарқгузории муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз ташкил ва нигоҳдории фасодхона барои истеъмоли воситаҳои нашъадор ба таври муфассал баррасӣ мегардад. Хулоса асоснок карда мешавад, ки ин ҷиноятҳо аз рӯи хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ ва самти рафтори ҷиноятӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар кор асоснок карда мешавад, ки ташкил намудани фасодхона барои истеъмоли воситаҳои нашъадор ҳамчун объекти асосӣ ахлоқи ҷамъиятиро дорад, зеро чунин фаъолият муҳити устувор барои истеъмоли мунтазами воситаҳои нашъадор ба вуҷуд меорад. Ин ҷиноят ба тартиби ҳуқуқии муомилоти онҳо низ таъсир мерасонад. Вале дар ҳолате ки фурӯши воситаҳои нашъадор ҳамчун унсури фаъолияти чунин макон амалӣ мегардад, кирдор маҷмуи ҷиноятҳоро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин фарқгузории муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз қочоқи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ

нишон дода мешавад. Таъкид мегардад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ объект ва тарзи содир намудани ҷиноят мебошад. Қочоқ ба тартиби муқарраршудаи интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ таҷовуз менамояд, дар ҳоле ки муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ба вайрон намудани тартиби дохилии муомилоти онҳо равона гардидааст.Муайян карда шудааст, ки убури ғайриқонунии сарҳади гумрукӣ бо воситаҳои нашъадор зарурати баҳои ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҷиноятии кирдорро бо татбиқи қоидаҳои маҷмуи меъёрҳои алоқаманд ба миён меорад.

Ҳамзамон, дар зербоб таҳлили мустақили масъалаҳои фарқгузории бандубасти ҳуқуқии тайёркунӣ, истеҳсол ва коркарди воситаҳои нашъадор, ки ҳамчун шаклҳои алоҳидаи муомилоти ғайриқонунӣ баррасӣ мегарданд, анҷом дода шудааст.

Асоснок карда мешавад, ки набудани таърифҳои дақиқи меъёрии ин категорияҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ боиси тафсири гуногун ва омехта гардидани онҳо дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шудааст, ки тайёркунии воситаҳои нашъадор дар шакли яккарата ё лаҳзавии ба даст овардани маҳсулоти дахлдор ифода меёбад, коркард бошад бо тағйир додани мақсадноки хусусиятҳои физикӣ-кимиёвии он алоқаманд аст, дар ҳоле ки истеҳсол фаъолияти устувор ва мунтазам ба ҳисоб рафта, бо истифодаи таҷҳизоти махсус анҷом дода мешавад.

Масъалаи фарқгузории ба даст овардан ва нигоҳдории ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба таври махсус таҳқиқ карда мешавад. Қайд мегардад, ки ба даст овардан хусусияти лаҳзавӣ дошта, бо худи далели гирифтани ғайриқонунии маводи нашъадор вобаста мебошад, дар ҳоле ки нигоҳдорӣ ҷинояти давомдорро ташкил медиҳад. Дар амалияи судӣ ин шаклҳои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор аксаран беасос бо ҳам баробар диниста мешаванд, ки ба бандубасти ҳуқуқии нодуруст оварда мерасонад.

Таваҷҷуҳи алоҳида ба масъалаи фарқгузории нигоҳдорӣ, интиқол ва фиристодани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дода мешавад. Нишон дода мешавад, ки набудани меъёрҳои дақиқи қонунгузорӣ барои фарқгузории ин шаклҳо боиси бандубасти гуногун нисбат ба кирдорҳои монанд мегардад. Дар ин замина меъёрҳои

фарқгузорӣ пешниҳод мегарданд, ки ба мақсади ҷойивазкунии маводи нашъадор, тарзи интиқоли онҳо ва давомнокии рафтори ғайриқонунӣ асос ёфтаанд.

Ба аҳамияти фарқгузории дурусти ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор аз дигар шаклҳои муомилоти ғайриқонунӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Асоснок карда мешавад, ки ба соҳибияти каси дигар додан шакли аз ҳама хавфноки ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъадор мебошад, зеро маҳз он густариши бозори ғайриқонунии маводи нашъадор ва ҷалби шахсони нав ба истеъмолро таъмин менамояд. Нишон дода мешавад, ки фурӯш бояд аз нигоҳдорӣ ва интиқол аз рӯи мавҷуд будани қасд ба додани воситаҳои нашъадор ба шахсони дигар, инчунин аз рӯи хусусияти амалҳои содиршаванда фарқ карда шавад. Хулоса бароварда мешавад, ки зарурати муқаррар намудани дақиқтари меъёрии аломатҳои фурӯш ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои шаклҳои бандубастшавандаи он вуҷуд дорад.

Дар асоси таҳлили амалияи судӣ-тафтишӣ хатогиҳои маъмулии бандубасти ҳуқуқӣ ошкор карда мешаванд, ки бо татбиқи нодурусти меъёрҳо оид ба маҷмуи ҷиноятҳо ва рақобати меъёрҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд.

Таъкид мегардад, ки набудани муносибатҳои ягона барои фарқгузории таркибҳои монанди ҷиноятҳо самаранокии муқовимати ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ коҳиш медиҳад. Дар ин замина зарурати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва тавзеҳоти мақомоти олии судӣ, ки ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ равона шудаанд, асоснок карда мешавад.

## Хулоса

Таҳлили гузаронидашудаи таҳаввули танзими ҳуқуқӣ ва тағйирёбии тасаввуроти илмӣ дар бораи маводи дорои хусусиятҳои нашъадор, инчунин дар бораи миқёси истеъмоли ғайритиббии онҳо имкон дод, ки як қатор хулосаҳо вобаста ба меъёри ҳуқуқӣ –ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои мазкур муқаррар менамояд, пешниҳод карда шаванд.

Муайян карда шудааст, ки муқаррароти амалкунандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, сатҳи паҳншавии онҳо, инчунин хусусият ва шиддати таҳдиде, ки аз ҷониби шахсоне, ки чунин кирдорҳоро ба монанди тайёркунӣ, истеҳсол, интиқол ва фурӯш содир менамоянд, пурра инъикос намекунанд.

Умумисозии муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ аз зарурати ислоҳ ва дақиқ намудани мазмуни моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Ин зарурат, пеш аз ҳама, ба такмили низоми аломатҳои бандубастшаванда ва ба таври дақиқтар тавсиф намудани тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ марбут мебошад, зеро маҳз ин унсурҳо барои баҳои дурусти ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва бандубасти ҳуқуқии кирдорҳои зиддиқонунӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Таҳлили маҷмуии мавқеъҳои доктриналии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ имкон дод, ки фаҳмиши пурраи мазмуни ҳуқуқии таркиби ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ташаккул дода шавад. Дар доираи таҳқиқот унсурҳои объективӣ ва субъективии ғайриқонунӣ тайёркунӣ, коркард, истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои мазкур пайдарпай баррасӣ гардидаанд. Дар натиҷа омилҳое муайян карда шудаанд, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳоро ба таври назаррас зиёд менамоянд, инчунин меъёрҳое дақиқ гардонида шудаанд, ки имкон медиҳанд онҳоро аз дигар ҷиноятҳое, ки аз рӯи баъзе аломатҳои ҳуқуқии муҳим ба онҳо монанд мебошанд, фарқ намуд.

Дар анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ мақсаднок дониста мешавад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ дар шакли умумисозишуда ва кӯтоҳ баён карда шаванд.

**Хулосаи таҳқиқот, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ, ки дар боби 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, моддаҳои 200–206$^{1}$-ро дар бар мегирад, миқёси воқеии паҳншавии ин ҷиноятҳо, инчунин амиқӣ ва хусусияти оқибатҳои манфиро, ки аз афзоиши нашъамандӣ

ҳамчун падидаи иҷтимоии хавфнок бармеоянд, ба таври кофӣ ба инобат намегирад **[2-М].**

2. Ҷиноятҳое, ки бо ғайриқонунӣ тайёркунӣ, коркард, истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ алоқаманданд, аз рӯи самти ҳуқуқии ҷиноятии худ ба муносибатҳои ҷамъиятие таҷовуз менамоянд, ки амнияти саломатии аҳолиро аз истеъмоли ғайритиббии воситаҳои мазкур таъмин намуда, таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд. Ин кирдорҳо ба таври асоснок ба категорияи таркибҳои предметӣ мансуб دониста мешаванд, зеро унсури ҳатмии сохтори онҳо воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии пайдоиши растанӣ ва кимиёвӣ мебошанд, ки рӯйхати онҳо зиёда аз се сад номгӯйро дар бар мегирад **[1-М].**

3. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии предмети ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ имкон медиҳад, ки чор аломати хос ҷудо карда шаванд: тиббӣ, ҳуқуқӣ, физикӣ ва иҷтимоӣ. Аломатҳои мазкур ҳамчун меъёрҳои мустақил барои муайян намудани моддаҳои дахлдор истифода мешаванд. Дар айни замон, шарти ҳалкунанда барои баҳои ҳуқуқии ҷиноятии кирдор муайян намудани аломати ҳуқуқии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ба ҳисоб меравад. Мазмуни он аз маҷмуи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ иборат буда, хусусиятҳои тартиби ҳуқуқии муомилоти қонунии онҳоро инъикос менамояд, ки дар меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва конвенсияҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро тасдиқ намудааст, аз ҷумла санадҳои солҳои 1961, 1971 ва 1988 муқаррар гардидаанд.

Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, тавсифи сифатии меъёри ҳуқуқии предмети ҷинояти баррасишаванда бо эътирофи расмии онҳо дар Рӯйхат, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад. Рӯйхати мазкур доруҳо, воситаҳои нашъадори пайдоиши растанӣ ва синтетикӣ, инчунин растаниҳо ва дигар объектҳои табииро дар бар гирифта, бо дарназардошти талаботи қонунгузории миллӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки

объектҳои мазкур ҳамчун объекти таҳти таъсири низоми махсуси ҳуқуқӣ қароргирифта баррасӣ гарданд.

Ҷузъи микдории меъёри ҳуқуқии предмети ҷиноятҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тавассути муқарраироти меъёрии андозаҳои ҳаддии чунин моддаҳо дар Рӯйхати махсус ташаккул меёбад. Модели арзёбии истифодашавандаи қонунгузор хусусияти ягона дошта, асосан ба нишондиҳандаҳои тиббӣ такя мекунад, ки фаъолнокии биологии моддаҳои дахлдор, аз ҷумла шиддати таъсири онҳо ба системаи асаби марказии инсонро инъикос менамоянд **[2-М].**

4. Муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, яъне ғайриқонунӣ тайёркунӣ, коркард, истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани чунин воситаҳо ва моддаҳо ба таркибҳои ба ном мураккаби тавсифӣ, алтернативӣ ва таркиби расмӣ мансуб мебошанд **[7-М].**.

5. Ба даст овардани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар он ҳолатҳо, агар он бо вайрон намудани тартиби муқарраршудаи давлатии муомилоти қонунии онҳо амалӣ карда шавад, новобаста аз тарзи мушаххаси чунин ба даст овардан ғайриқонунӣ эътироф мегардад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, чунин кирдорҳо метавонанд ҳам дар шакли музднок ва ҳам дар шакли ройгон амалӣ гарданд.

Хусусияти муздноки ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаҳои нашъадор, аз ҷумла дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки чунин воситаҳо берун аз муассисаҳои тиббӣ ва дорусозӣ гирифта мешаванд ё бе таъиноти тиббии пешбининамудаи қонун истифода мегарданд, инчунин ҳангоми истифодаи онҳо ҳамчун воситаи ҳисоббаробаркунӣ - дар шакли пардохт барои корҳои иҷрошуда ё хизматрасониҳои анҷомдодашуда, мубодила ба молу мулк ё супоридан ба ҳисоб барои иҷрои ухдадориҳо.

Шаклҳои ройгони ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаҳои мазкур ҳолатҳоеро дар бар мегиранд, ки дар онҳо воситаҳои нашъадор ба сифати туҳфа гирифта мешаванд, ҳангоми ёфтан аз худ карда мешаванд, инчунин ҷамъоварии растаниҳои худрӯйи дорои моддаҳои нашъадор сурат мегирад.

Дар баробари ба даст овардан, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таркибҳои мустақили ҷиноятро низ пешбинӣ

менамояд, ба монанди тасарруфи воситаҳои нашъадор ё парвариши ғайриқонунии онҳо **[5-М].**

6. Масъалаи бандубасти ҳуқуқии ҷамъоварии растаниҳои дорои моддаҳои нашъадор ва коркарди ибтидоии онҳо ҳамчун тайёркунии воситаҳои нашъадор ба таври яксон ҳал карда намешавад. Мавқеъ асоснок карда мешавад, ки чунин ҳаракатҳо, ба монанди майдакунӣ, хушконидан, шустан ва ҷудо кардан, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ омодагӣ ба истеъмоли ғайритиббии маводи нашъадорро ташкил медиҳанд. Дар ин замина, кирдори содиршуда бояд ҳамчун ба даст овардан ва нигоҳдории ғайриқонунии воситаҳои нашъадор бандубасти ҳуқуқӣ карда шавад.

Содир намудани ҳар гуна ҳаракатҳое, ки дар шакли ғайриқонунӣ тайёркунӣ, коркард ё истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ифода меёбанд, сохтори ҳуқуқии ҷиноятии кирдори баррасишавандаро ташкил медиҳанд. Муаллиф чунин шаклҳои фаъолияти ғайриқонуниро баррасӣ менамояд, ба монанди тайёркунӣ, коркард, истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ. Муаллиф асоснок менамояд, ки таркиби ҷинояти баррасишаванда аз рӯи табиати ҳуқуқии худ, на ба таркиби кутоҳкардашуда, балки ба таркиби расмӣ мансуб мебошад **[8-М].**

7. Зери мафҳуми нигоҳдории ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар маънои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ ҳама гуна шаклҳои қасдонаи ҳаракатҳои хавфноки ҷамъиятӣ фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо чунин воситаҳо ва моддаҳо ба таври ғайриқонунӣ таҳти назорати воқеии шахси содиркунандаи кирдор қарор доранд. Аломати асосии чунин нигоҳдорӣ мавҷудияти имконияти воқеии шахси гунаҳгор барои истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои мазкур аз рӯи хоҳиши худ, новобаста аз давомнокии нигоҳдории онҳо ва мавҷуд набудани асосҳои қонунии соҳибӣ ба онҳо ба ҳисоб меравад **[9-М].**

Дар доираи нигоҳдории ғайриқонунӣ, инчунин, метавонад интиқол ва фиристодани чунин воситаҳо ва моддаҳо амалӣ гардад, агар онҳо танҳо ба мақсади расонидани онҳо равона шуда, ҳамчун шакли фурӯш истифода нашаванд.

8. Натиҷаҳои таҳлили аломатҳои субъективии ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои

психотропӣ имкон медиҳанд, ки таркиби субъекти чунин кирдорҳо муайян карда шавад. Ба сифати субъект шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде дохил мешаванд, ки мукаллаф буда, ба синни 14 расидаанд **[13-М].**

9. Таҳлили чунин аломати субъекти муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ба монанди мукаллаф будани шахсони гирифтори нашъамандӣ, инчунин шахсоне, ки дар ҳолати ба ном абстиненсия қарор доранд, нишон медиҳад, ки ин ҳолат тибқи хулосаҳои тиббӣ ҳамчун парешонҳолии руҳӣ эътироф мегардад. Синдроми абстиненсия метавонад бо вайроншавии фаъолияти системаи асаби марказӣ ҳамроҳ гардида, дар натиҷа дар баъзе ҳолатҳо шахс қобилияти пурраи идора намудани рафтори худро ҳангоми содир намудани чунин кирдорҳо, ба монанди тайёркунӣ ё ба даст овардани воситаҳои нашъадор, аз даст медиҳад. Шахс дар чунин ҳолат метавонад хусусияти воқеии ҳаракатҳои худро дарк накунад ва имкони идора намудани онҳоро надошта бошад, ки ин ҳолат бояд аз ҷониби судҳо ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта шавад.

Таҳлили қисми дуюми моддаи 25, инчунин ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо (қисми 2 моддаи 61) асос медиҳад, ки мавҷудияти чунин бемориӣ, ба монанди нашъамандӣ, инчунин ҳолати синдроми абстиненсия дар шахси гунаҳгор метавонад ҳамчун ҳолати сабуккунанда ҳангоми таъини ҷазо баррасӣ карда шавад **[15-М].**

10. Дар ҷараёни таҳқиқи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ғайриқонунӣ тайёркунӣ, истеҳсол, коркард, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, интиқол, фиристодан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ як қатор ҷанбаҳои баҳсталаб ошкор гардида, дар ин замина мавқеҳои нави илмӣ нисбат ба баҳои ҳуқуқии ҷиноятии онҳо пешниҳод карда шудаанд.

Мавқеъ асоснок карда мешавад, ки бандубасти ҳуқуқии кирдорҳо аз рӯи аломати содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ танҳо дар ҳолате мумкин аст, ки на кам аз ду шахс бевосита дар содир намудани он иштирок намоянд. Дар айни замон, барои чунин ҷиноятҳо ҳам иҷро намудани амалҳои мустақил аз ҷониби ҳар як шарик ва ҳам содир намудани шаклҳои алтернативии муомилоти

ғайриқонунӣ аз ҷониби ҳамаи шарикон, ки бо мақсади умумӣ муттаҳид гардидаанд ва бо қасди ягона фаро гирифта шудаанд, хос мебошад.

Масъалаи фарқгузории такроршавии ҷиноятҳо ва кирдорҳои давомдор, ки аз як қатор амалҳои якхела иборатанд, низ таваҷҷуҳи махсусро талаб намуда, хусусияти баҳсталаб дорад. Барои ҷинояти давомдор, меъёри муайянкунанда тобеъ будани ҳамаи кирдорҳо ба расидан ба як мақсади ягонаи ҷиноятӣ мебошад. Ҳамзамон, дар диссертатсия хулоса асоснок карда мешавад, ки амалӣ намудани марҳилавии як партияи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ҳамчун фурӯши такрорӣ арзёбӣ мегардад, зеро ҳар як амали фурӯш метавонад нисбат ба шахсони гуногун ва дар шароити фарқкунанда, аз ҷумла аз рӯи нарх, анҷом дода шавад **[17-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Зери мафҳуми ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ дар маънои ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ ҳама гуна ҳаракатҳое, ки ба ихтиёрдорӣ ва супоридани онҳо ба шахсони дигар равона гардидаанд, новобаста аз тарз ва шартҳои чунин супоридан фаҳмида мешаванд. Дар ин ҳолат, баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳам шаклҳои музднок ва ҳам шаклҳои ройгони паҳн намудани воситаҳои мазкурро фаро мегирад. Ба чунин шаклҳо дохил мешаванд: фурӯш; мубодила ба дигар ашё ё молу мулк; пардохт барои хизматрасониҳои анҷомдодашуда; иҷрои уҳдадориҳо (пардохти қарз); ба қарз додан; туҳфа намудан ва ғайра.

Супоридани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба шахси дигар барои гирифтани мукофот низ ҳамчун фурӯши чунин воситаҳо эътироф мегардад.

Дар асоси гуфтаҳои боло пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркибҳои нави ҷиноят бо мазмуни зерин ворид карда шаванд:

– ба даст овардан, нигоҳдорӣ, коркард ва фиристодани ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

– ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додан ва истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

– тайёркунии ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ;

– интиқоли ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ **[4-М].**

2. Бо дарназардошти хавфи махсуси кирдорҳое, ки бо моил намудани шахсони ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида ба истеъмоли воситаҳои нашъадор алоқамананд, зарурати татбиқи ҷазои сахттар ба миён меояд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки таркиби бандубастшаванда бо таҳрири зерин пурра карда шавад: «дидаву дониста ба соҳибияти шахси ноболиғ додан» **[11-М].**

3. Ба соҳибияти каси дигар додан ва истеҳсоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба миқдори калон ва махсусан калон бо равона будан барои ба даст овардани даромади ғайриқонунии назаррас тавсиф гардида, ба ташаккули сохторҳои мураккаби ҷиноятӣ бо иштироки шумораи зиёди шахсон мусоидат менамоянд. Бо дарназардошти гуфтаҳои мазкур, пешниҳод мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ба соҳибияти каси дигар додан ва истеҳсоли ғайриқонунии маводи нашъадор пешбинӣ менамоянд, бо аломати вазнинкунанда пурра карда шаванд, ки дар шакли ба даст овардани даромад ба миқдори калон ва махсусан калон ифода меёбад **[18-М].**

4. Бо дарназардошти самтҳои рушди сиёсати ҳуқуқӣ– ҷиноятӣ, зарур дониста мешавад, ки эзоҳ ба моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати набудани аломатҳои ҷинояти дигар барқарор карда шавад. Эзоҳи мазкур ихтиёран даст кашидан аз содир намудани ҷиноятҳои минбаъдаро ташвиқ намуда, пушаймонии фаъолро ҳавасманд мегардонад.

Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки меъёре, ки ҷавобгариро барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ танзим менамояд, бо эзоҳи дахлдори дорои хусусияти меъёрӣ пурра карда шавад **[6-М].**

# СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ (ИСТОЧНИКОВ)

## I. Монографии, учебники, учебные пособия

[1]. Алиев, В.М. Личность преступника и наркомания [Текст] / В.М. Алиев. – М., 1993. – 88 с.

[2]. Анисимов, Л.Н. Наркотики: правовой режим. Международно-правовые и внутригосударственные проблемы регулирования производства, применения и распространения наркотических средств и психотропных веществ [Текст] / Л.Н. Анисимов. – Л., 1974. –144 с.

[3]. Анисимов, Л.Н. Профилактика пьянства, алкоголизма и наркомании среди молодежи [Текст] / Л.Н. Анисимов. – М., Юрид. лит., 1988. – 173 с.

[4]. Барабанов, Н.П. Исправительные учреждения России в борьбе с незаконным оборотом наркотических средств и наркоманией (криминологические, пенитенциарные, правовые и организационные аспекты предупреждения) [Текст] / Н.П. Барабанов. – Рязань. 2000. – 238 с.

[5]. Белогуров, С.Б. Популярно о наркотиках и наркоманах [Текст] / С.Б. Белогуров. – М., 2000. – 240 с.

[6]. Габиани, А.А. На краю пропасти: наркомания и наркоманы [Текст] / А.А. Габиани. – М., Мысль, 1990. – 220 с.

[7]. Гасанов, Э.Г. Борьба с наркотической преступностью: международный и сравнительно-правовой аспекты [Текст] / Э.Г. Гасанов. – М., 2000. – 209 с.

[8]. Гасанов, Э.Г. Наркотизм: тенденции и меры преодоления. На материалах Азербайджанской Республики [Текст] / Э.Г. Гасанов. – М.: ЮрИнфоР, 1997. – 272 с.

[9]. Гасанов, Э.Г. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с преступлениями, связанными с наркотиками [Текст] / Э.Г. Гасанов. – Одесса, 1998. – 400 с.

[10]. Жариков, Ю.С. Противодействие незаконному обороту наркотиков и наркотизму: проблемы правового регулирования [Текст]: монография / Ю.С. Жариков. – М.: Изд-во СГУ, 2008. – 349 с.

[11]. Икрамова, М, Г. Уголовно-правовая борьба с наркоманией [Текст] / М.Г. Икрамова. – Ташкент: Фан, 1982. – 110 с.

[12]. Курманов, К.Ш. Наркомания: уголовно правовые и криминологические проблемы [Текст] / К.Ш. Курманов. – Фрунзе, 1989. – 231 с.

[13]. Лунц, Д.Р. Советская судебная психиатрия [Текст] / Д.Р. Лунц. – М., 1970. –32 с.

[14]. Мирошниченко, Н.А., Музыка А.А. Уголовно-правовая борьба с наркоманией [Текст] / Н.А. Мирошниченко, А.А. Музыка. – Киев – Одесса, 1988. – 298 с.

[15]. Наумов, В.А. Российское уголовное право. Общая часть. Курс лекций. [Текст]/ А.В. Наумов. – М. 1996. – 560 с.

[16]. Николаева, Л.П. Уроки профилактики наркомании в школе [Текст]: пособие для учителя / Л.П. Николаева, Д.В. Колесов. - 2-е изд., стер. – Москва: МПСИ; Воронеж: МОДЭК, 2009. – 64 с.

[17]. Орлов, Б.П. Проблемы пресечения незаконного оборота наркотиков (законодательство, квалификация преступлений, перспектива) [Текст]: Учебное методическое пособие / Б.П.Орлов. – Новгород, 1997. – 62 с.

[18]. Смитиенко, В.Н. Уголовно – правовая охрана здоровья населения в СССР [Текст] / В.Н. Смитиенко. – Киев, 1989. – 242 с.

[19]. Харабет, К.В. Социально-правовые основы предупреждения наркотизма и наркопреступности среды военнослужащих [Текст] / К.В. Харабет. – Санкт Петербург. 2013. – 353 с.

## II. Диссертации и авторефераты

[20]. Авакян, Р.О. Организационно-правовые и информационные основы деятельности ОВД в борьбе с наркоманией [Текст]: дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.10 / Авакян, Рубен Осипович. – М., 1991. – 436 с.

[21]. Карпович, Ю.А. Уголовно-правовые меры борьбы с распространением наркомании [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Карпович, Константин Александрович. – Ростов-на-Дону, 1972. – 20 с.

[22]. Пуклич, Т.И. Уголовная ответственность за незаконные изготовление, приобретение, хранение, перевозку, пересылку либо сбыт наркотических средств или психотропных веществ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Пуклич, Татьяна Игоревна. – Рязань, 2003. – 233 с.

[23]. Федорюк, С.Ю. Проблемы уголовно-правовой регламентации ответственности за незаконный оборот наркотических средств, психотропных веществ и их аналогов [Текст]: дис. ... канд.

юрид. наук: 12.00.08 / Федорюк, Сергей Юрьевич. – Ставрополь, 2004. – 197 с.

**III. Электронные источники [Электронный ресурс]**

[24]. Обзор наркоситуации в Республике Таджикистанза 2016г. Академия МВД РТ. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https:// avkd .tj (дата обращения 30.10.2025).

[25]. Обзор о наркоситуации в Республике Таджикистан 2024 г АКН при Президенте Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https//akn tj (дата обращения 30.10.2025).

[26]. Послание Президента Республики Таджикистан к Мачлиси Оли от 16 декабря 2025г. Российско Таджикский (Славянский) унивеситет. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://rtsu.tj (дата обращения 30.10.2025).

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Юлдашева, Г.М. Незаконное изготовление и переработка как вид незаконного оборота наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Давлатшиноси ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 2(26). – С. 145-152; ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Юлдашева, Г.М. Предмет незаконного оборота наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Давлатшиноси ва ҳуқуқи инсон. – 2026. – № 1 (41) 2026. – С. 192-200; ISSN 2414 9217.

**[3-М].** Юлдашева, Г.М. Вопросы противодействия и предупреждения незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ [Текст] / Г.М. Юлдашева // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2026. – Том 2. – № 1(54). – С 340-353; ISSN 2709-6246.

**[4-М].** Юлдашева, Г.М. Преступления, связанные с наркоманией [Текст] / Г.М. Юлдашева // Вестник Таджикского государственного университета. – Душанбе, 1993. – С. 346-348; ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Юлдашева, Г.М. Уголовное законодательство в условиях перехода к рыночной экономике [Текст] / Г.М. Юлдашева // Известия

АН Республики Таджикистан. – 1995. – № 3 (5). – С. 58-69; ISSN 0002-3485.

**[6-М].** Юлдашева, Г.М. Уголовно правовая защита здоровья населения. Известия АН Республики Таджикистан. [Текст] / Г.М. Юлдашева // Институт философии и права. Права человека и развитие демократии в Таджикистане. – Душанбе, 1997. – С. 198-207.

**[7-М].** Юлдашева, Г.М. Характеристика объекта незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ [Текст] / Г.М. Юлдашева // Вестник Таджикского национального университета. – 2010. – №1. (57). – С. 102-107; ISSN 2413-5151.

**[8-М].** Юлдашева, Г.М. Незаконный сбыт, производства и транспортировка наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – № 3 (79). – С. 113-117; ISSN 2413-5151.

**[9-М].** Юлдашева, Г.М. Становление и развитие законодательства об ответственности за незаконный оборот наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – №3 (83). – С. 64-73; ISSN 2413-5151.

**[10-М].** Юлдашева, Г.М. Совершение незаконного оборота наркотических средств по предварительному сговору группой лиц или организованной группой [Текст] / Г.М. Юлдашева // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – № 3 (87). – С. 55-60; ISSN 2413-5151.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[11-М].** Юлдашева, Г.М. История развития законодательства об ответственности за незаконное изготовление, приобретение, хранение, перевозку, пересылку и сбыт наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Таджикский государственный национальный университет. Государство и право. – Душанбе, 1997. – № 1. – С. 23-31.

**[12-М].** Юлдашева, Г.М. Объективная сторона незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ [Текст] / Г.М. Юлдашева // Хаётва конун. – Душанбе, 2011. – № 4. – С. 118-132.

**[13-М].** Юлдашева, Г.М. Субъективные признаки незаконного оборота наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Таджикский национальный университет. Государство и право. – Душанбе, 2012. – № 1. – С. 80-81.

**[14-М].** Юлдашева, Г.М. Незаконное возделывание наркотикосодержащих культур [Текст] / Г.М. Юлдашева // Ҳаёт ва қонун. – 2013. – № 1. – С. 46-51.

**[15-М].** Юлдашева, Г.М. Субъективная сторона незаконного оборота наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Правовая жизнь. – 2016. – №1(13). – С. 88-93.

**[16-М].** Юлдашева, Г.М. Отграничение незаконное производство, изготовление, переработка, приобретение, хранение, транспортировка или пересылка с целью сбыта, а равно незаконный сбыт наркотических средств или психотропных веществ от смежных составов по законодательству РТ [Текст] / Г.М. Юлдашева // Правовая жизнь. – 2017. – №2 (18). – С. 112-122.

**[17-М].** Юлдашева, Г.М. К вопросу о совершенствовании незаконного изготовления и переработки наркотических средств по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Г.М. Юлдашева // Уголовное право, уголовный закон: теория и практика: сб. науч. статей / под ред. д-ра юрид. наук, профессора В.И. Тюнина. – СПб.: Изд-во СПбГЭУ, 2017. – С. 331-334.

**[18-М].** Юлдашева, Г.М. Некоторые вопросы субъективных признаков незаконного оборота наркотических средств [Текст] / Г.М. Юлдашева // Маводхои конференсияи илми-амалии чумхурияви дар мавзўи “Накши экпертизаи суди дар тафтиши чиноят”. – Душанбе – 2018. – С. 68-76.

**[19-М].** Шарипов, Т.Ш., Юлдашева Г.М. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ [Текст] / Г.М. Юлдашева // Давлат ва ҳуқуқ. – 2006. – № 2. – С. 51-54.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Юлдошева Гилмоной Мирзомурадовна дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Вожаҳои калидӣ:** муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, таркиби расмӣ, таҳдид, амнияти саломатии аҳолӣ, ангеза ва мақсад, бандубасти ҳуқуқӣ, субъекти ҷиноят, андозаи калон ва махсусан калон.

Дар таҳқиқот бори аввал дар сатҳи илмии ҷумҳурӣ масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ин институти ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Муаллиф дар заминаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ умумият ва фарқияти меъёрҳои қонунгузории миллӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷиро ошкор намудааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он яке аз аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки масъалаҳои бандубасти ҳуқуқӣ, таркиби ҷиноят ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятиро дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда таҳлил менамояд. Дар асоси таҳлили муфассали аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноятҳо, инчунин омӯзиши амалияи судӣ-тафтишотӣ, як қатор хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, амалияи судӣ-тафтишотӣ, инчунин дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд.

## АННОТАЦИЯ

**к автореферату диссертации Юлдашевой Гилмоной Мирзомурадовны на тему: «Уголовная ответственность за незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ по законодательству Республики Таджикистан» на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.8. Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право**

**Ключевые слова:** незаконный оборот наркотических средств, психотропные вещества, уголовная ответственность, состав преступления, формальный состав, угроза, безопасность здоровья населения, мотив и цель, квалификация преступления, субъект преступления, крупный и особо крупный размер.

В диссертационном исследовании впервые на отечественном научном уровне комплексно проанализированы вопросы уголовной ответственности за незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ, а также определены особенности становления и развития данного института в уголовном законодательстве Республики Таджикистан. Автором на основе сравнительно-правового анализа выявлены общие и отличительные черты национального законодательства и законодательства зарубежных государств.

Научная новизна диссертации заключается в том, что она представляет собой одно из первых комплексных научных исследований в Республике Таджикистан, посвящённых проблемам квалификации преступлений, их состава и особенностей уголовной ответственности в сфере незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ. На основе детального анализа объективных и субъективных признаков указанных деяний, а также изучения судебно-следственной практики сформулирован ряд научно обоснованных выводов, предложений и рекомендаций, имеющих теоретическое и практическое значение.

Результаты исследования могут быть использованы в законотворческой деятельности, правоприменительной практике, а также в учебном процессе высших учебных заведений и системе повышения квалификации сотрудников правоохранительных органов.

## ANNOTATION

**to the dissertation abstract by Gilmona Mirzomuradovna Yuldasheva on the topic: "Criminal Liability for Illegal Trafficking in Narcotic Drugs and Psychotropic Substances under the Legislation of the Republic of Tajikistan" for the degree of Candidate of Legal Sciences in specialty 5.5.8. Criminal Law and Criminology; Criminal Executive Law**

**Keywords:** illicit drug trafficking, psychotropic substances, criminal liability, elements of the crime, formal elements, threat, public health, motive and purpose, classification of the crime, subject of the crime, large and especially large amounts.

This dissertation provides the first comprehensive analysis of criminal liability for the illicit trafficking of narcotic drugs and psychotropic substances at the national scientific level, and identifies the specifics of the formation and development of this institution in the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. Using a comparative legal analysis, the author identifies common and distinctive features of national legislation and the legislation of foreign countries.

The scientific novelty of this dissertation lies in its being one of the first comprehensive scientific studies in the Republic of Tajikistan devoted to the issues of crime classification, their elements, and the specifics of criminal liability in the sphere of illicit trafficking of narcotic drugs and psychotropic substances. Based on a detailed analysis of the objective and subjective elements of these acts, as well as a study of forensic practice, a number of scientifically substantiated conclusions, proposals, and recommendations of theoretical and practical significance have been formulated.

The research results can be used in legislative drafting, law enforcement practice, as well as in the educational process at higher education institutions and in the professional development of law enforcement officers.